**Суратмаҷлиси №4**
**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**

оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

11 апрели 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар узви Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки 5 нафари онҳо доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Аъзои муҳтарами Шуро, пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки маҷлис кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шуро Сатторов А. баромад намуда, иброз доштанд, ки бинобар мусодиф омадани рӯзҳои истироҳатии иди Наврӯзӣ ва бинобар ду моҳи пурра нашудани муҳлати дифоъ дар асоси моддаи 67 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Замимаи 1 бо қарори ҲҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) масъули сомонаи КОА назди Президенти ҶТ эълони фиристодаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 вобаста ба рисолаи **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович** дар мавзуи “Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ”-ро дар сомонаи КОА нагузошт. Вобаста ба ин Раиси Шуро ба КОА барои дубора баровардани қарори нав ва додани санаи нави ҳимоя ба **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович** мактуб фиристод, ки рӯзи 3 апрели соли 2023 таҳти №20106 аз ҷониби КОА мактуби ҷавобӣ, барои аз нав гузоштани эълон оид ба ҳимояи диссертатсияҳо дар сомонаи комиссия бо риояи қатъии талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) иҷозат дода шуд. Дар ин асос мо ҷаласаи имрӯзаи худро баргузор мекунем, ки ҳадафи он ба ду нафар довталаб, барои ҷойгир кардани эълон оид ба ҳимояи диссертатсияҳо дар сомонаи КОА ва тағйир додани санаи ҳимоя мебошад.

**Рӯзномаи маҷлис:**

Аз нав ҷойгир кардани эълон оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ба сомонаи КОА ва тағйир додани рӯзи ҳимоя ба диссертатсияи **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович** дар мавзуи “Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) (роҳбари илмӣ, номзади илми филология, ходими пешбари шуъбаи таърихи адабиёти ИЗА Муҳаммадиев Шамсиддин).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович** дар мавзуи “Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шаванд:
   - Сайҷаъфар Озод Шовалиевич д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
   - Шарипов Шариф Раҳмонович дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии назди Президенти ҶТ.
3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ИЗА ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.
5. Таърихи рӯзи ҳимоя 30 июни соли 2023, соати $13^{30}$ таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
доктори илми филология, профессор Сатторов А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.